«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
профессор ________ Давлатзода С.Х.
« ___ » ____________ с.2022

**Протоколи № 10**

маҷлиси Шӯрои олимони факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ
аз 4 майи соли 2022

**РАИСИ МАҶЛИС:**

Мудири кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳӣ,

номзади илмҳои иқтисодӣ, Маҷнунова Муттаҳира Ҳукуматовна

**КОТИБИ ИЛМӢ:**

Омӯзгори кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳӣ Бобохонов Олим Алихонович

Экспертизаи даври дуюми рисолаи илми

**Холов Тоҷиддин Азизулоевич дар мавзӯи:**

«Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Раиси маҷлис: мудири кафедраи менеҷмент, номзади илмҳои иқтисодӣ Маҷнунова Муттаҳира Ҳукуматовна:

- Ассалому алейкум, муҳтарам ҳамкасбон ва ҳозирини гиромӣ.
- Ҳамкасбони муҳтарам, дар маҷлиси имрӯзаи Шӯрои олимони факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ иштирок доранд:

| № | Ном, насаб ва номи падар | Дараҷа ва унвони илмӣ. Шифри ихтисос | Вазифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Маҷнунова Муттаҳира Ҳукуматовна | Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент 08.00.05 | Раиси маҷлис |
| 2. | Бобохонов Олим Алихонович | Омӯзгори кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳӣ | Котиби илмӣ |
| 3. | Ҳамдамзода Х.А. | Номзади илмҳои иқтисодӣ 08.00.05 | Ноиби ректор оид ба таълим |
| 4. | Холназаров Мирзошариф Ҳақназарович | Номзади илмҳои иқтисодӣ 08.00.05 (иқтисодиёти минтақавӣ) | Декани факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ |
| 5. | Бақоев Шодмонҷон Сулаймонҷонович | Номзади илмҳои иқтисодӣ 08.00.05 (иқтисодиёти минтақавӣ) | Декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ |
| 6. | Раҳимзода Пайрав Сафар | Номзади илмҳои иқтисодӣ 08.00.14 | Декани факултети моливию иқтисодӣ |
| 7. | Гулов Қодир Муртазоевич | Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент 08.00.05 | Мудири кафедраи менеҷмент |
| 8. | Наимов Бекмурод Қунғуротовч | Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент 08.00.05 | Мудири кафедраи молия |
| 9. | Джойлоев Зафар Миралиевич | Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент 08.00.05 | Мудири кафедраи кори бонкӣ |
| 10. | Шодиев Бурҳониддин | Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент 08.00.05 | Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит |
| 11. | Асроров Зокирҷон Усмонович | Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент 08.00.05 | Мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ |
| 12. | Султонзода Исо Муҳаммад | Докторанди Phd аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт | Кафедраи кори бонкӣ |
| 13. | Каримова Гулбарг | Номзади илмҳои педагогӣ | Котиби маҷлис |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14. | Фозилов Раҷабмурод | омӯзгори кафедра | Ҷонишини декан оид ба таълим |
| 15. | Назарова Назира | Номзади илмҳои иқтисодӣ, саромӯзгори кафедраи иқтисодиёти соҳавӣ | Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон |
| 16. | Баротова Тахмина | омӯзгори кафедра | аъзо |
| 17. | Тахминаи Бурихон | омӯзгори кафедра | аъзо |
| 18. | Махкамова Чамангул | омӯзгори кафедра | аъзо |
| 19. | Ҳакимова Моҳира | ассистенти кафедра | аъзо |
| 20. | Исмоилов Абуалӣ | ассистенти кафедра | аъзо |

Ҳамагӣ дар маҷлиси факултет 20 нафар иштирок доранд, ки 13 нафари онро омӯзгорони дараҷаи илмидошта мебошанд. Оид ба оғози кори маҷлиси Шӯрои олимони факултет, ягон нафар пешниҳод дорад? Пешниҳод шуд, ки кори маҷлис оғоз карда шавад. Кӣ тарафдори он аст, ки кори маҷлиси Шӯрои олимони факултет оғоз карда шавад? Хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Зид? Нест. Бетараф? Нест. Бо як овоз қабул карда шуд.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Муҳокимаи экспертизаи даври дуюми кори диссертатсионии Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Пиризода Ҷалил Сафар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академик, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ.

Муқарризони расмӣ:

1. **Назарова Назира Саидқодировна** – Номзади илмҳои иқтисодӣ, саромӯзгори кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (тақриз пешниҳод шудааст).

**2. Бақоев Шодмонҷон Сулаймонҷонович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ (тақриз пешниҳод шудааст).

Оид ба рӯзномаи маҷлис чӣ гуна таклифҳо ҳаст? Пешниҳод шуд, ки тасдиқ карда шавад. Кӣ тарафдори чунин таклиф ҳаст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Зид? Нест. Бетараф? Нест. Рӯзномаи маҷлис ба як овоз қабул шуд.

**Раиси ҷаласа:**

Муқарризҳои расмӣ ҳузур доранд, тақризҳои мусбии муқарризҳо дар вақти муайян пешниҳод шудаанд. Барои хондани тарҷумаи ҳоли унвонҷӯ сухан ба котиби илмӣ омӯзгори кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳӣ Бобохонов Олимҷон Алихонович дода мешавад.

**Котиби илмӣ:**

Муҳтарам раис ва ҳозирини гиромӣ! Ба факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ  оид ба аризаи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич барои баргузор намудани экпертизаи даври дуюми рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), аз рӯи ихтисоси  08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ санаи 18.03.2022 пешниҳод гардид.

Иҷозат диҳед, мухтасар унвонҷӯро муаррифӣ намоям.

Холов Тоҷиддин Азизуллоевич 31-уми январи соли 1987 дар  ноҳияи Ҷ.Балхӣ  дар оилаи коргар, миллаташ тоҷик таваллуд шудааст.

Соли 2005 пас аз хатми МТМУ №36, ноҳияи Ҷ.Балхӣ  ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав аз рӯи ихтисоси «Муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ» дохил шуда, соли 2010 донишгоҳи мазкурро бо дипломи аъло хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ  номбурда аз моҳи сентябри ҳамон сол ба ҳайси ассистенти кафедраи «Менеҷмент» фаъолияти кориашро оғоз намуда, то ҳол дар вазифаҳои гуногун кор менамояд.

Фаъолияти илмии худро соли 2011 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав оғоз намуда, кори илмиашро дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар назди кафедраи менеҷменти донишгоҳи мазкур ба анҷом расонидааст.

Оиладор, соҳиби чор фарзанд.

Дар ҳуҷҷати аттестатсионӣ рӯйхати маводҳои илмӣ оварда шудааст, ки аз 6 номгӯ иборат буда, вобаста ба мавзуи рисолаи таҳқиқотӣ мебошанд ва дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Холов Т.А. имтиҳоноти тахассусиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

1. Забони хориҷӣ (англиси) -4 «хуб» (7.02.2019 с.);
2. Таърихи фалсафа ва илм – 4 «хуб» (14.01.2020 с.);

Диссертатсия экспертизаи даври якумро дар кафедраи менеҷмент аз санаи 19.01.2022 гузашта, баъдан ба экпертизаи даври дуюм пешниҳод гардидааст.

Тамоми ҳуҷҷатҳои ба факултет пешниҳодшуда ба талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд ва ба ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ замима гардидаанд.

Инчунин хулосаи кафедраи менеҷмент дар ҳайати раисикунанда н.и.и. дотсент Гулов Қ.М. ва котиби илмӣ н.и.п Каримова Г. Дар бораи ба талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ будани рисолаи таҳқиқотӣ ва барои гузаштани экспертизаи даври дуюми рисолаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, суратҷаласаи 19.01.2022 таҳти №6 пешниҳод карда шудааст.

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба факултет пешниҳодшуда ба талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ба тартиб дароварда шудаанд. Ҳамаи тақризҳо сари вақт ворид шуда, ба талабот мувофиқат

мекунанд. Барои баргузор намудани экпертизаи даври дуюм монеа вуҷуд надорад.

**Раиси ҷаласа:**

Ташаккур. Ҳамкасбони азиз, оид ба парвандаи аттестатсионии унвонҷуй ба котиби илмӣ ягон савол ҳаст? Агар савол набошад, ҳоло бо иҷозати шумо барои шинос намудан бо мундариҷаи рисолаи илмӣ сухан ба унвонҷуй Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дода мешавад. Марҳамат.

**Холов Т.А.** (унвонҷуй) муҳтавои диссертатсияро баён менамояд (матни маъруза замима мешавад).

**Раиси ҷаласа:** Муҳтарам аъзоёни шӯро, гузориш ба охир расид. Марҳамат, ба Холов Т.А. саволҳо ҳастанд?

**Джойлоев З.М. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент:

- Шумо ҳангоми таҳқиқот аз кадом тарзу усулҳои кори илмӣ истифода намудаед?

**Холов Т.А** – унвонҷуй:

Ҷавоб: Ташаккур барои савол устод Зафар Миралиевич. Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шуда буданд, мо аз усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, гурӯҳбандии ҳисоби конструктивӣ ва ғайра истифода намудаем.

- **Джойлоев З.М. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент:

- Асосҳои назариявии кори илмии Шумо аз чӣ иборат аст?

**Холов Т.А.** – унвонҷуй:

Ҷавоб: Асосҳои назариявии таҳқиқоти моро пажуҳишҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба масъалаи сармоягузорӣ ба заминҳои кишоварзии обёришаванда ташкил дода, маълумотҳои марказҳои таҳқиқотӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда, ҳамчун пойгоҳи назариявии ин таҳқиқот хизмат кардаанд.

**Наимов Б.Қ.** – номзаи илмҳои иқтисодӣ:

- Шумо вобаста ба кори илмиатон бештар таҷрибаи кадом мамлакатҳоро мавриди омӯзиш ва тавсия қарор додаед?

**Холов Т.А.** – унвонҷуй:

Ҷавоб: Ташаккур барои савол муҳтарам Наимов Бекмурод.

Мо дар рафти таҳқиқот таҷрибаи мамлакатҳои ИМА, Исроил, Австралия, Аргентина, Россия, Қазоқистонро оид ба сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда мавриди омӯзиш қарор дода, таҷрибаҳои ИМА, Исроил ва Австралияро барои истифодаи обёрии қатрагӣ дар ноҳияҳои камоби вилояти Хатлон, тавсия намудаем.

**Наимов Б.Қ.** – номзади илмҳои иқтисодӣ**:**

- Аз кадом моделҳои математикӣ истифода намудаед?

**Холов Т.А.** – унвонҷӯй:

Ҷавоб: Ташаккур барои савол, устоди гиромӣ Наимов Б.

Мо модели регрессиониро барои заминҳои обёришаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва ҳаққи хизматрасонии обрасонӣ истифода намудаем. Натиҷаҳои модели таҳиягардида нишон доданд, ки ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ (дар ҳолати бетағйир мондани ҳаҷми сармоягузорӣ) ҳаҷми заминҳои обёришаванда ба 0,094 фоиз зиёд мегардад, инчунин дар ҳолати ба як воҳид афзоиш ёфтани ҳаҷми сармоягузории заминҳои обёришаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ (ҳангоми бетағйир будани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ) ҳаҷми заминҳои обёришаванда ба 0,906 фоиз афзун мегардад.

**Гулов Қ.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент :**

- Кадом самтҳоро ҳамчун самтҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришаванда тавсия намудаед?

**Холов Т.А.** – унвонҷуй:

Ҷавоб: Ташаккур барои савол, муҳтарам Қодир Муртазоевич.

Мо бо дарназардошти иқтидор ва бартариятҳои рақобатӣ бахшҳои пахтакорӣ, боғдорӣ ва кишт дигари маҳсулоти озуқавориро ҳамчун соҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон тавсия намудаем.

**Гулов Қ.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент :**

- Барои муайян намудани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз кадом методҳои математикӣ истифода бурдед?

**<u>Холов Т.А</u>.** – унвонҷуй:

**Ҷавоб:** Ташаккур барои савол, устоди гиромӣ, Қодир Муртазоевич**.** Мо бо истифода аз усули арзиши ҷории соф лоиҳаҳои сармоягузории вилояти Хатлон арзёбӣ намудем. Муайян карда шуд, ки дар тамоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои беҳтар намудани сатҳи обёрии заминҳо дар вилояти Хатлон самаранокӣ дида мешавад.

**<u>Раҳимов П.С.</u> -** номзади илмҳои иқтисодӣ**:**

- Таърифи нави пешниҳодкардаи Шумо оид ба сармоягузорӣ аз чӣ иборат мебошад?

**<u>Холов Т.А.</u>** – унвонҷуй:

Ҷавоб: Ташаккур барои савол, устоди гиромӣ Пайрав Сафарович.

Мо таърифи нави сармоягузориро дар чунин шакл пешниҳод намудаем: «...сармоягузорӣ ба субъектҳои хоҷагидор бо мақсади гирифтани даромад ё фоида ва ба даст овардани самараи мусбати иҷтимоӣ ва ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ мусоидаткунанда мебошад».

**<u>Раҳимов П.С.</u> -** номзади илмҳои иқтисодӣ**:**

- Кадом олимони ватанӣ оид ба кори Шумо таҳқиқот анҷом додаанд?

**<u>Холов Т.А.</u>** – унвонҷуй:

Ҷавоб: Ташаккур барои савол, устоди гиромӣ Пайрав Сафарович.

Оид ба рисолаи илмии мо олимони ватанӣ, ба монанди Раҳимов Р.К., Қаюмов Н.Қ., Пиризода Ҷ.С., Умаров Ҳ.У., Қудратов Р.Р., Мирсаидов А.Б., Шарипов З.Р., Исайнов Ҳ.Р., Одинаев Ҳ.А., Ғаниев Т.Б., Давлатзода Қ.Қ., Султонов З.С., Мадаминов А.А., Ашуров И.С., Асроров И.А., Исмоилов А.А., Садриддинов Н.Т., Қодиров Ф.А., Баротзода (Саидмуродов) Ш.М., Одинаев Ш.Т., Тағоев Ҷ.Х., Орипов А.А., Бақоев Ш.С., Шарипов И.О. таҳқиқотҳо анҷом додаанд.

**Раис**

Боз савол ҳаст? Нест. Ташаккур. Сухан ба роҳбари илмӣ, академик Пиризода Ҷ.С. дода мешавад.

**Пиризода Ҷ.С.**

Ташаккур раис. Устодони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ.

Мавзуе, ки барои баррасӣ пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати илмӣ дар марҳилаи кунунӣ хеле актуалӣ ва ҳозирзамон аст.

Сармоягузорӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳим дар рушди системаи иҷтимоию иқтисодии кишвар амал намуда, давлат дар ин ҳолат дурнамо ва рақобатпазирии иқтисоди миллиро аз рӯи миқёс, сохтор ва самаранокии он муайян менамояд. Маҳз ҳамин динамикаи сармоягузорӣ параметрҳои муҳими раванди такрористеҳсолкунӣ ҳам дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва ҳам дар сатҳи корхонаҳои алоҳида мебошад, ки ин тақсимоти захираҳоеро, ки барои ҳалли эҳтиёҷоти ҷорӣ ва оянда равона шудаанд, инъикоси истеъмоли ҷорӣ ва иттилоотро барои рушдиояндаи худ маънидод менамояд. Иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳаҳои гуногун иборат аст. Бахши аграрӣ, яъне кишоварзӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар байни дигар соҳаҳо ҷойи махсусро ишғол менамояд. Кишоварзӣ бахши асосии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва истеҳсоли ашёи хом барои бисёр соҳаҳо мебошад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки амнияти озуқаворecho мамлакат маҳз ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

Дар бораи муҳтавои мавзуъ дар ин ҷо худи муаллиф маълумот дод ва муқарризони расмӣ оид ба ҷиҳатҳои илмӣ ва таҳқиқотии рисола гап мезананд, ман мехостам, ки дар бораи мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст, теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда, саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумот пешниҳод намоям.

Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзӯъ ва навгониҳои он ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00. 03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд: 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хаҷагии қишлоқ. 1.25.Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Муҳити инвеститсионӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавӣ-маконӣ. Баланд намудани диққатҷалбкунии инвеститсионӣ ва истифодаи самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳо.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот Холов Т.А. 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расонидааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2010-2020) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтанд. Аз ҷумла дар конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон», 20-уми декабри соли 2018 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Сарраёсати Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон (№1/34 аз 26.01. 2022), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (№1/105, аз 28.01.2022) барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст.

Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот Холов Т.А. нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақаро омӯхта, роҳҳои баландбардории онро коркард ва дурнамои рушди онро дар минтақаҳо таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Хулоса, Холов Т.А. бо фаъолияти омузгорӣ ва ҳам илмии хеш тавонист, ки дорои хислатҳои тадқиқотчигӣ, олимӣ гардад. Фикр мекунам, ки ӯ аллакай ба сатҳи муҳаққиқӣ омода шудааст, бинобар ин, бо боварии комил метавон гуфт, ки рисолаи ӯ барои пешниҳод намудани зинаҳои навбатӣ қобили дастгирӣ мебошад. Ташаккур.

**Раиси ҷаласа:**

Ташаккур, Ҷалил Сафар. Муҳтарам аъзоёни маҷлис, ҳоло мо бевосита ба муҳокимаи диссертатсия оғоз мекунем. Ҳоло бо камоли мамнуният сухан ба муқарризи расмии аввал, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ Холназаров Мирзошариф дода мешавад. Марҳамат.

**Холназаров М.Ҳ.** – муқарризи расмии якум, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ тақризро қироат менамояд (Тақриз мусбат, дорои чор эрод аст. Тақриз ба парванда замима мешавад).

**Раиси ҷаласа:** Ташаккур, устоди азиз! Ҳоло навбат ба Холов Т.А. барои посух ба пешниҳоду эродҳои муқарризи якум дода мешавад.

**Холов Т.А.** – унвонҷуй:

Ба устоди гиромиқадр, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ барои таҳлили амиқи диссертатсия ва пешниҳоди эродҳои пурмуҳтаво изҳори миннатдорӣ менамоем.

**Эроди якум.** Боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии фаъолияти сармоягузории минтақавӣ дар соҳаи кишоварзӣ ном дорад, вале таҳқиқи параграфҳо бештар ба сармоягузорӣ бахшида шудаанд, ба сармоягузории ба соҳаи кишоварзӣ бошад, кам таваҷҷуҳ карда шудааст.

**Ҷавоб ба эроди якум:** Дар диссертатсия бо мақсади пурра муайян намудани моҳияти сармоягузорӣ, хусусият ва нишонаҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ минтақавӣ дар соҳаи кишоварзии обёришаванда ба таври васеъ дар боби 2-юм ва 3-юм маълумот дода шудааст.

**Эроди дуюм.** Мувофиқи вазифаҳои гузошташуда дар параграфи 1.1 нуқтаи назари олимони иқтисодчӣ, махсусан иқтисодшиносони ватанӣ оид ба сармоягузории минтақавӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба таври кофӣ омӯхта ва таҳлил нашудаанд.

**Ҷавоб ба эроди дуюм:** Албатта, дар таҳқиқоти оянда тавсияи устодро ба инобат мегирем.

**Эроди сеюм.** Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муаллиф мутобиқ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи баъзе ҷадвалҳо диаграмма ва ё дигар воситаҳои аёниро истифода мекард.

**Ҷавоб ба эроди сеюм:** Мо пешниҳоди устодро ба назар гирифта, дар таҳқиқоти минбаъдаамон мавриди истифода қарор медиҳем.

**Эроди чорум.** Дар кор баъзе ибораҳои истифода шуда ва ҷумлаҳо таҳрирталаб мебошанд.

**Ҷавоб ба эроди чорум:** Ба ин эрод гуфтанием, ки ҷумлаҳои диссертатсияро аз назари услуб ва имло таҳрир ва таҷдиди назар кардем.

**Раиси ҷаласа.**

- Устоди гиромӣ, Шуморо ҷавобҳо қонеъ менамоянд?

**Холназаров М.Ҳ.**:

- Ҳа, пурра.

**Раиси ҷаласа**:

Ҳоло сухан ба муқарризи дуюм, Бақоев Шодмонҷон Сулаймонҷонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Бақоев Ш.С.** -муқарризи расмии дуюм, номзади илмҳои иқтисодӣ, тақризро қироат менамояд (Тақриз мусбат, чор эрод мебошад. Тақриз ба парванда замима мешавад).

**Раиси ҷаласа:**

Ташаккур, Шодмонҷон Сулаймонҷонович. Ҳоло сухан ба Холов Т.А. барои посух додан ба эродҳои муқарризи дуюм дода мешавад. Марҳамат.

**Холов Т.А.** – унвонҷуй:

Мо аз номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ Бақоев Шодмонҷон Сулаймонҷонович барои таҳлили амиқи тадқиқотамон ва пешниҳоди эродҳои судманд миннатдорем.

**Эроди якум**. Омӯхтани таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя ва муқоиса намудани он бо кишвари мо ба ҳолати имрӯза сармоягузориро муайян менамуд.

**Ҷавоб ба эроди якум**: Эрод характери тавсиявӣ дорад, мо дар кори диссертатсионии мо оид ба таҷрибаи мамлакатҳои ИМА, Исроил, Австралия, Аргентина, Россия, Қазоқистон сухан рафтааст, аммо ба таври муфассал ёдрас нашудааст, ки мо инро дар таҳқиқоти минбаъда ба инобат мегирем.

**Эроди дуюм.** Муҳтавои параграфи 1.2 ҷамъбаст карда нашудааст.

**Ҷавоб ба эроди дуюм**: Мо бо ин эрод розӣ буда, таҷдиди назар кардем.

**Эроди сеюм.** Дар ҷаҳони муосир методҳои гуногуни таҳлили сармоягузорӣ мавҷуд мебошанд, лекин диссертант танҳо аз методи дисконт истифода бурдааст, барои таҳлили аниқ хуб мешуд, аз дигар методҳо истифода мебурд.

**Ҷавоб ба эроди сеюм**: Дар диссертатсия ғайр аз методи дисконт, мо боз модели регрессионӣ барои заминҳои обёришаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва ҳаққи хизматрасонии обрасониро низ истифода намудаем.

**Эроди чорум.** Дар рисолаи пешниҳодгардида диаграммаҳо кам дида мешаванд.

**Ҷавоб ба эроди чорум**: Мо бо ин эрод розӣ буда, таҳқиқоти минбаъда такмил медиҳем.

**Раиси ҷаласа:**

- Шонмонҷон Сулаймонҷонович, Шумо аз ҷавобҳо қонеъ ҳастед?

**Бақоев Ш.С.**

- Ҳа, пурра.

**<u>Раиси ҷаласа:</u>**

Ҳозирини гиромӣ, муҳокимаи диссертатсия аз тарафи муқарризони расмӣ ба итмом расид.

Марҳамат, кӣ мехоҳад ба дар музокира ва муҳокимаи илмӣ оид ба натиҷаҳои диссертатсия баромад кунад?

**<u>Ҳамдамзода Х.А.</u>** – номзади илмҳои иқтисодӣ, ноиби ректор оид ба таълим:

Муҳтарам раис ва ҳозирини гиромӣ. Диссертатсияи Холов Т.А. дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), ки мавриди муҳокимаи устодони факултет қарор дода шудааст, дар ҳақиқат ба масъалаи хеле муҳим ва ҳалталаб бахшида шудааст. Ман андеша, ки Холов Тоҷиддин Азизуллоевич кори таҳқиқотии худро дар сатҳи зарурӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, омода намудааст. Бо назардошти ҳамин гуфтаҳо барои пешниҳод кардани он ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6О.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ҷонибдор мебошам. Ташаккур.

**<u>Асроров З.У.</u>-** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ**.**

Мо айни ҳол шоҳиди баромадҳои хуби Холов Тоҷиддин Азизуллоевич оид ба иҷрои рисолаи илмиаш гардидем. Муаллиф дар рисола тавонистааст, бо истифода аз усули арзиши ҷории соф лоиҳаҳои сармоягузории вилояти Хатлонро арзёбӣ намояд. Муайян намудааст, ки дар тамоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои беҳтар намудани сатҳи обёрии заминҳо дар вилояти Хатлон самаранокӣ дида мешавад. Аз ҳозирини гиромӣ даъват менамоям, ки ба экспертизаи давраи навбатӣ пешниҳод намудани таҳқиқоти мазкурро, дастгирӣ намоянд.

**<u>Султонзода И.М.-</u>** доктор Phd аз рӯи ихтисосҳои иқтисодиёт.

Муҳтарам раис ва иштирокчиён! Дар ҳақиқат, мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ мубрам ва муҳим ба шумор рафта, дар оянда метавонад тавсияи хубе барои соҳаи кишоварзӣ гардад. Аз баромадҳои унвонҷӯ маълум гардид, ки масъалаи мавриди таҳқиқро ба дараҷаи хуб аз худ намудааст. Бинобар ин пешниҳоди диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевичро ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шурои диссертатсионии 6О.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дастгирӣ менамоям. Ташаккур!

**Раиси ҷаласа:** Марҳамат. Боз киҳо сухан рондан мехоҳанд? Хоҳишмандон нестанд. Дар ин сурат, сухани ҷамъбастӣ ба унвонҷуй дода мешавад.

**<u>Холов Т.А.</u>** – унвонҷуй: Муҳтарам раис ва меҳмонон.

Ман пеш аз ҳама ба раис ва коллективи факултет барои муҳокима ва баҳои мусбат доданашон ба рисолаи диссертатсионии хеш миннатдорӣ изҳор менамоям.

Ба муқарризони расмӣ: Холназаров Мирзошариф – номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ ва Бақоев Шодмонҷон Сулаймонҷонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ, ҳамчунин ба мудири кафедраи менеҷмент, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гулов Қ.М. барои мутолиа ва таҳлили ҳаматарафаи диссертатсия ва пешниҳодот миннатдорӣ баён менамоям.

Хосатан, ба роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академик Пиризода Ҷалил Сафар барои дастгирии ҳаматарафа, маслиҳати доимӣ, кумаки ҳамешагӣ дар тайёр кардани диссертатсия миннатдории бепоёни худро мерасонам.

Ба нафароне, ки ҳамчун муқарризи ғайрирасмӣ баромад намуданд, низ миннатдории хешро баён мекунам.

Аз ҳамаи иштирокчиён барои дастгириашон миннатдорам. Ташаккур ба ҳамаатон!

**Раиси ҷаласа:** Марҳамат. Боз киҳо сухан рондан мехоҳанд? Хоҳишмандон нестанд. Дар ин сурат, вақти он расидааст, ки мо барои гузаронидани овоздиҳӣ шурӯъ намоем.

Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯйи масъалаи пешниҳоди кори диссертатсионии Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ба экспертизаи давраи навбатӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6О.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ: тарафдор -20, муқобил - нест,бетараф - нест.

**Хулосаи шурои олимони факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани кори диссертатсионии Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ (роҳбари илмӣ - Пиризода Ҷалил Сафар, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академик), тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Назарова Н.С. – н.и.и., Бақоев Шодмонҷон Сулаймонҷонович – номзади илмҳои иқтисодӣ ва инчунин, баромади муқарризони ғайрирасмӣ- н.и.и., Ҳамдамзода Х.А., н.и.и. Асроров З.У., докторанти Phd аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт Султонзода И.М. инчунин дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии аъзоён ва иштирокчиёни маҷлиси факултет оид ба диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар бораи дуруст ба расмият даровarda шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ Шурои олимони факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзуи ««Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар бораи дуруст ба расмият даровarda шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ иҷозат дода шавад.

Ки тарафдори қарори якҷояи маҷлиси факултет мебошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Тарафдор - 20, муқобил - нест,бетараф - нест. Бо як овоз қабул шуд.

Бо ҳамин маҷлиси факултетро пушида гуфта, эълон менамоям.

Ташаккур ба ҳама, барои иштироки фаъолона дар маҷлиси факултет.

**Раиси маҷлис:**

Мудири кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Маҷнунова М.Ҳ.

Котиби илмӣ — Бобохонов О.А.

**Муқарризони холис:**

Декани факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Холназаров М.Ҳ.

Декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Бақоев Ш.С.